«Мувофиқа карда шуд»
Сардори Хадамоти зиддиинҳисории
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

_____ Раҷабзода Ҳ. Р.
"__20__"__10_____соли 2026

«Тасдиқ менамояд»
Раиси Кумитаи давлатии идораи замин
ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон

_____ Хоҷазода О. А.
"____" _____соли 2026

Нархнома
барои пешниҳод намудани иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуққо ба он, додани машваратҳои ҳуқуқӣ оид ба анҷом додани амалиёти бақайдгирӣ, нусхабардории ҳуҷҷатҳо, дигар хизматрасониҳои ҳуқуқии бо бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуққои ба он алоқаманд

Б О Б И III

МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Нархнома барои пешниҳод намудани иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуққо ба он, додани машваратҳои ҳуқуқӣ оид ба анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ, нусхабардории ҳуҷҷатҳо, дигар хизматрасониҳои ҳуқуқии бо бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуққои ба он алоқаманд (боби 3) тибқи талаботи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуққо ба он» ва банди 4 «Низомномаи Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда тартиб дода шуда, дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор дода мешавад.

2. Тартиби гузаронидани амалиёти бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуққо ба он дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуққо ба он» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

3. Маблағи 8%, ки дар асоси банди 31-и Оинномаи КВД «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» барои пешбурд ва ҳимояи феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуққо ба он, ҳамкорӣ ва мубодилаи маълумот, нигоҳдорӣ ва тақвият додани барномаи электронии низоми иттилоотии бақайдгирӣ (НИБ), додани машваратҳои ҳуқуқӣ, пешбурди корҳои иттилоотӣ, таълимӣ, баланд бардоштани савияи дониши ҳуқуқӣ, фаҳмондадиҳии санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, назорати анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирии давлатӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси мутахассисон пешбинӣ шудааст, дар Нархномаи мазкур дохил карда шудааст.

4. Ҳангоми берун аз бинои ташкилоти бақайдгирии давлатӣ қабул намудани ҳуҷҷатҳое, ки барои анҷом додани бақайдгирии давлатӣ тибқи ҳолатҳо ва тартиби муқаррарнамудаи ташкилоти ҷумҳуриявии бақайдгирии давлатӣ коэффитсиенти афзункунандаи К-1,15 истифода бурда мешавад.

5. Нархнома барои додани иқтибос аз варақаи бақайдгирӣ барои бегона намудани ҳуқуқи истифодаи замин дар асоси Нархнома барои додани иқтибос аз варақаи бақайдгирӣ бо истифода намудани коэффитсиенти камкунандаи К-0,8 амалӣ карда мешавад.

6. Дар Нархномаи мазкур маблағи андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) ва маблағи бланка ба инобат гирифта нашудааст.

7. Ҳангоми бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул дар ҳолати мавҷуд будани ду ва зиёда соҳибҳуқуқ, заминистифодабаранда ва ё саҳмдор барои ворид намудани тағйирот ба нишондиҳандаҳои ҳиссаи ширкат дар хонаҳои умумӣ ва ё саҳми замин, барои шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунанда, барои ворид намудани тағйирот ба нишондоди саҳм дар моликияти умумӣ ё номи соҳибҳуқуқ 10,0 сомонӣ ва барои додани иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он 5,0 сомонӣ ба Нархномаи мазкур илова карда мешавад.

8. Ҳангоми додани нусхаи ҳуҷҷатҳо аз феҳристи ягонаи давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он барои саҳифаи аввали ҳуҷҷат дар формати А4 ба андозаи 1,65 сомонӣ, барои саҳифаи аввали ҳуҷҷат дар формати А3 ба андозаи 3,30 сомонӣ, барои нусхаи ҳар як саҳифаи иловагӣ дар формати А4 ба андозаи 0,82 сомонӣ ва дар формати А3 ба андозаи 1,64 сомонӣ маблағ пардохт карда мешавад.

9. Дар мавриди гузоштани рақами кадастрӣ ҳангоми ташкилёбӣ ба объекти молу мулки ғайриманқул ва сабти он дар ҳуҷҷатҳои феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он ба Нархномаи мазкур барои ҳар як объекти молу мулки ғайриманқул ба андозаи 6,0 сомонӣ маблағ пардохт карда мешавад.

10. Ҳангоми бо хоҳиши фармоишгар ба таври фаврӣ дар давоми то 8 соати корӣ иҷро намудани амалиётҳои бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ба Нархномаи мазкур коэффитсиенти афзункунандаи К-2,0 бо бастани шартнома тибқи тартиби қонунгузории амалкунанда амалӣ карда мешавад.

11. Ҳангоми бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он ва додани иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он дар ҳолати масоҳати биноҳо ё иншоотҳо аз 100 м^2 зиёд будан ба Нархномаи мазкур барои ҳар як 100 м^2 иловагӣ ба андозаи 2,40 сомонӣ маблағи иловагӣ пардохт карда карда мешавад.

12. Ҳангоми бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он ва додани иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он дар ҳолати дарозии иншоотҳои хаттӣ аз 1000 метр зиёд будан ба Нархномаи мазкур барои ҳар як 1000 метри иловагӣ ба андозаи 20,00 сомонӣ маблағи иловагӣ пардохт карда карда мешавад.

13. Дар ҳолати бақайдгирии зиёда 1000 адад ниҳолҳои бисёрсола, ба Нархномаи мазкур ба ҳар 1000 адад ниҳоли бисёрсолаи иловагӣ ба андозаи 20,00 сомонӣ маблағи иловагӣ ҳисоб карда мешавад.

14. Нархнома барои хизматрасонии иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, шахсони ба онҳо баробаркардашуда, маъюбони гуруҳи 1-2 ва иштирокчиёни воқеаҳои Чернобил 50 фоиз ва ба оилаҳои камбизоат 30 фоиз имтиёз муқаррар карда мешавад.

15. Нархнома барои анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ ва дигар хизматрасониҳои ҳуқуқии бо бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳои ба он алоқаманд ба шахсони ҳуқуқии аз ҳисоби буҷаи давлат маблағгузоришаванда, инчунин оромгоҳҳо, масҷидҳо, ташкилоту муассисаҳои динӣ ва дигар ҷойҳои ҷамъиятии барои истифодаи аҳолӣ пешбинишуда ба Нархномаи шахсони воқеӣ баробар ҳисоб карда мешавад.

16. Дар мавриди такроран додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқ бо додани Иқтибос аз варақаи бақайдгирӣ барои тасдиқи аҳдҳои нотариалӣ маблағи хизматрасонӣ тибқи банди 6 Нархнома амалӣ карда мешавад.

17. Пардохти маблағи ҳама намуди хизматрасониҳо танҳо тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешавад.

«Мувофиқа карда шуд»
Сардори Хадамоти зиддиинҳисории
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
_____Раҷабзода Ҳ. Р.
"20" 10 соли 2026

«Тасдиқ менамояд»
Раиси Кумитаи давлатии идораи
замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон
_____ Хоҷазода О. А.
"____" _____соли 2026

Нархномаҳо
барои пешниҳод намудани иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он, додани машваратҳои ҳуқуқӣ оид ба анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ, нусхабардории ҳуҷҷатҳо, дигар хизматрасониҳои ҳуқуқии бо бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он алоқаманд

р\т №	Номгӯи нархномаҳо	Воҳиди ченак	Арзиш бо сомонӣ (бе назардошти ААИ)
1	Нархнома барои бақайдгирии давлатии ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин: - шахсони воқеӣ - шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ	1 объекти бақайдгирӣ	 118 140
2	Нархнома барои бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, иншоот, объектҳои сохтмони нотамом, бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ҷудогона, ниҳолҳои бисёрсола ва дигар молу мулки ғайриманқул: - шахсони воқеӣ - шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ	1 объекти бақайдгирӣ	 120 145
3	Нархнома барои бақайдгирии давлатии ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, иншоот, объектҳои сохтмони нотамом,	1 объекти бақайдгирӣ	

	бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ҷудогона, ниҳолҳои бисёрсола ва дигар молу мулки ғайриманқул: - шахсони воқеӣ - шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ		 200 245
4	Нархнома барои додани иқтибос аз варақаи бақайдгирӣ - шахсони воқеӣ - шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ	1 Иқтибос	 215 265
5	Нархнома барои бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, иншоот, объектҳои сохтмони нотамом, бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ҷудогона, ниҳолҳои бисёрсола ва дигар молу мулки ғайриманқул бо додани иқтибос аз варақаи бақайдгирӣ: - шахсони воқеӣ - шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ	1 объекти бақайдгирӣ бо Иқтибос	 280 350
6	Нархнома барои бақайдгирии давлатии ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, иншоот, объектҳои сохтмони нотамом, бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ҷудогона, ниҳолҳои бисёрсола ва дигар молу мулки ғайриманқул бо додани иқтибос аз варақаи бақайдгирӣ: - шахсони воқеӣ - шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ	1 объекти бақайдгирӣ бо иқтибос	 355 440
7	Нархнома барои бақайдгирии давлатии маҳдудиятҳои (гароиҳои) ҳуқуқ ва қатъи он: - шахсони воқеӣ - шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ	1 объекти бақайдгирӣ	 90 110
8	Нархнома барои бақайдгирии давлатии қатъи мавҷудияти молу мулки ғайриманқул: - шахсони воқеӣ	1 объекти бақайдгирӣ	 90

	- шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ		110
9	Нархнома барои додани иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он: - шахсони воқеӣ - шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ	1 иттилоот	 60 73
10	Нархнома барои иваз намудан, аз эътибор соқит намудан ва такроран додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқ: - шахсони воқеӣ - шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ	1 ҳуҷҷат	 85 105
11	Нархнома барои додани иттилоот нисбати арзиши молу мулки ғайриманқул ва доштан ё надоштани молу мулки ғайриманқул: - шахсони воқеӣ - шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ	1 иттилоот	 85 105
12	Нархнома барои додани машваратҳои ҳуқуқӣ оид ба бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он: - шахсони воқеӣ - шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ	1 машвара ти ҳуқуқӣ	 85 105